# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 22.12.2023, №30**

Барои сазовор донистани Ализода Шавқат Шаробудин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Ализода Шавқат Шаробудин дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 17-уми октябри соли 2023 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №42-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ализода Шавқат Шаробудин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20-уми марти соли 1992 дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2014 дараҷаи бакалавр ва соли 2018 дараҷаи магистратураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз бо баҳои хубу аъло хатм намудааст.

Аз соли 2021 то инҷониб, унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ пас аз хатми донишгоҳ фаъолияти кориашро дар Вазорати рушди иқтисод ва савдо оғоз намуда, аз 1 ноябри соли 2014 то 3 августи соли 2015 ба ҳайси мутахассиси Раёсати таҳияи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои мутамаркази Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо; аз 3 августи соли 2015 то 2 январи соли 2020 ба ҳайси мутахассиси пешбар ва сармутахассиси Раёсати дурнамои макроиқтисодӣ ва муносибатҳои молиявии Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдо; аз 2 январи соли 2020 то 1 июни соли 2020 ба ҳайси сардори Раёсати дурнамои макроиқтисодӣ ва муносибатҳои молиявии Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва аз 1 июни соли 2020 то ҳол дар вазифаи Муовини аввали Директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти назаривӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробудин бо фармоиши директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз санаи 11 феврали соли 2021, №18 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шарипов Баҳром Маҳмудович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Султонов Зубайдулло Султонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Азизбоев Равшан Абдураҳмонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими кафедраи фаъолияти бонкии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҳалимов Л.М. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии ДДТТ (протоколи №4 аз 23.11.2023) баррасӣ ва муҳокима карда шуда ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Назарзода Х.Х. тасдиқ гардидааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробудин дар мавзуи: «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Вализода Шавқат Шаробудин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои низоми пардохтии ғайринақдӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию

назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсияи худ дар умум 13 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба чоп расонидааст:

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М].Вализода Ш.Ш. Таҳлил ва арзёбии тамоюли рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар давраи муосири Тоҷикистон / Ш.Ш. Вализода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. 2/1 (46) – С. 93 – 105. **ISSN 2308-054X.**

[2-М]. Вализода Ш.Ш. Самтҳои афзалиятноки рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ / Ш.Ш. Вализода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2022. 4/2 (44) - С. 49 - 58. **ISSN 2308-054X.**

[3-М]. Вализода Ш.Ш. Арзёбии самаранокии иқтисодию иҷтимоии рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити ташаккулёбии иқтсодиёти рақамӣ / Ш.Ш.Вализода, Б.М. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2022. №9. -С.116-125. **ISSN 2413-5151.**

[4-М]. Вализода Ш.Ш. Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ / Ш.Ш. Вализода //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2021. 3(37). - С.41-49. **ISSN 2308-054X.**

[5-М]. Вализода Ш.Ш. Рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили кам кардани иқтисодиёти ғайрирасмӣ / Ш.Ш. Вализода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2021. 4/2 (39). – С. 51-63. **ISSN 2308-054X.**

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Вализода Ш.Ш. Проблемы и тенденция развития безналичной платежной системы в Республики Таджикистан / Ш.Ш.Вализода, Б.М. Шарипов // Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Механизмы обеспечения финансовой устойчивости кредитных организаций в условиях индустриализации и инновационной экономики» (10-го февраля 2023 года). – Душанбе: типография ТНУ, 2023.- 435 с. С.106-115.

[7-М]. Вализода Ш.Ш. Самтҳои асосии рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Ш. Вализода // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи: «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар

шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти рақамӣ» (10-уми феврали соли 2023). – Душанбе: матбааи ДМТ, 2023.- 435 с. С. 135-141.

[8-М]. Вализода Ш.Ш. Актуальность проблемы и тенденции развития безналичной платежной системы в Республике Таджикистан / Ш.Ш. Вализода, Б.М.Шарипов // Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Развитие цифровых технологий в современных условиях» (27-28 декабря 2022 года). – Душанбе: «ТГУК», 2022. – С. 29 – 35.

[9-М]. Вализода Ш.Ш. Рушди иқтисодиёти ғайринақдӣ: мушкилиҳо ва имкониятҳо / Вализода Ш.Ш // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир» (27-28 декабри соли 2022) – Душанбе: «ДДТТ», 2022. – С. 159 – 164.

[10-М]. Валиев Ш.Ш. Новые инвестиционные возможности в рамках Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года / Ш.Ш. Валие,в Н.Ш. Валиев // Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики // Сборник материалов VI международной научно – практической конференции (20-21 июня 2018 года) – Душанбе: «ТГУК», 2018. – С. 258 – 262.

[11-М]. Валиев Ш.Ш. Рушди соҳаи сайёҳӣ – омили муассир ба иқтисодиёти Тоҷикистон / Ш.Ш. Валиев, Н.Ш. Валиев, Р.Ҳ. Шарипова // Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики // Сборник материалов VI международной научно – практической конференции (20-21 июня 2018 года)– Душанбе: «ТГУК», 2018. – С. 48 – 53.

[12-М]. Валиев Ш.Ш. Нақши бахши хусусӣ дар пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Ш. Валиев, Н.Ш. Валиев // Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики // Сборник материалов V международной научно – практической дистанционной конференции (2-3 июня 2017 года) – Душанбе: «ТГУК», 2017. – С. 118 – 122.

[13-М]. Валиев Ш.Ш. Роҳҳои беҳтар намудани ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон /Ш.Ш. Валиев, Н.Ш. Валиев // Актуальные проблемы развития экономики и образования // Сборник материалов IV международной научно – практической конференции (15-16 июля 2016 года) Общественный Институт профессиональных бухгалтеров и аудиторов Республики Таджикистан – Душанбе: «ТГУК», 2016. – С. 200 – 203.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шуро ворид шуданд:**

**1. Шарифов З.Р. - д.и.и. профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бо чунин эродҳо:**

1. Дар ҷадвали 2 (с. 16) нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохтӣ шумораи бонкҳо, шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ, шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ, шумораи терминалҳои электронӣ

оварда шудааст, вале хуб мешуд агар таносуби онҳо нисбати шумораи аҳолии фаъол дарҷ мегардид.

**2. Додоматов Д.Н. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:**

1. Дар саҳифаи 21 автореферат муаллиф дар расми 6 зинаҳои муҳими танзими давлатӣ оид ба татбиқи самтҳои асосии рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ хеле хуб нишон додааст, аммо ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф ҳар як зинаҳои пешниҳоднамударо шарҳу тавзеҳ медод;

2. Кор бурд мекард, агар муаллиф дар қисмати таҳлилии диссертатсия SWOT – таҳлилро анҷом медод, тарафҳои пурқувват, заиф, имкониятҳо ва хавфҳоро пешниҳод менамуд.

**3. Исмоилов А.А. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Сифати кор бурд менамуд, агар муаллиф мушаххас нишон медод, ки таҷрибаи кадом кишварҳои хориҷӣ дар самти рушди пардохтҳои ғайринақдӣ барои Тоҷикистон бештар қобили қабул ҳастанд;

2. Дар автореферат дуруст қайд шудааст, ки рушди пардохтҳои ғайринақдӣ яке аз роҳҳои имконпазири кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ба ҳисоб меравад, лекин агар ин хулоса бо далелҳо тақвият дода мешуданд, боз ҳам хубтар мебуд.

**4. Муртазоев О. Қ. Сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.и., дотсент бо чунин эродҳо:**

1. Хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия қонуниятҳои умумиҷаҳонии ташаккул ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ мушаххас арзёбӣ мегардид, махсусан доир ба ташаккули талабот ва пешниҳод ба пардохтии ғайринақдӣ, ки ба муттаҳидсозии самтҳои тавсияшавандаи фаъолият метавонад саҳми назаррас гузорад.

2. Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф мавриди такмил ва ҷори намудани низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар кишвар, таъсир ва ҳар гуна хавфу хатарҳои берунаро ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ба назар гирад ва чораҳои превентивӣ - пешгирикунандаи он таҳия мегардид.

5. **Имомназаров М. А. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Дар кор (автореферат) муаллиф ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро оиди мафҳуми низоми пардохтҳои ғайринақдӣ мавриди муҳокима ва таҳлил қарор додааст, лекин ақидаи худро нисбати мафҳуми мазкур ба таври возеҳ баён накардааст.

2. Дар автореферат камшавии шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар давоми 5 соли охир овардааст ва хуб мешуд агар сабабҳои камшавии онҳоро муфассал қайд намуда, роҳои

дастгирии онро пешниҳод намояд то ин ки камшавии онҳо боз дошта шавад, зеро харчи қадаре, миқдори онҳо зиёд бошанд, ҳамон қадар арзиши хизматрасонии онҳо пасттар гардида, ба рушди низоми хизматрасониҳои молиявӣ дар минтақаҳо меорад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд. Ба эродҳои гирифташуда унвонҷӯ Вализода Ш.Ш. ҷавобҳои қонеъкунанда ва асоснок дод.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***таърифи муаллифии*** мафҳуми низоми пардохтии ғайринақдӣ дода шуда, он ҳамчун низоми иҷрои амалиётҳои молиявӣ тавассути техникаю технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ бидуни иштироки бевоситаи пули нақд тавсиф ёфтааст, ки бо такя ба принсипҳои саривақтӣ, таъминнокӣ, мунтазамӣ ва бехатарӣ, раванди иҷрои он бо қонунҳои давлатӣ ва қоидаҳои бонкӣ бо назардошти пешрафти илму техника ва технологияҳо танзиму такмил карда мешавад».

- ***исбот шудааст***, ки истифодаи васеи пардохтҳои ғайринақдӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ таъсири калон расонида метавонад, вале раванди ғайринақдикунонии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба талаботи шароити муосир ҷавобгӯ намебошад, чунки саҳми пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар назаррас набуда, доираи маҳдуди хизматрасониҳои давлатӣ ба тариқи ғайринақдӣ пардохт шуда, танҳо марказҳои нисбатан бузурги савдо аз технологияҳои муосири пардохтии ғайринақдӣ истифода менамояд;

- ***муайян ва баҳогузорӣ шудаанд***: 1) нақши пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ ва нуқтаҳои илмии ин мавзӯъ муайян карда шуд; 2) нишондиҳандаҳои асосии таъсири пардохтҳои ғайринақдӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар; 3) омилҳои коҳиш додани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ; 4) мушкилоти асосӣ вобаста ба кам истифода гардидани низоми пардохтии ғайринақдӣ ва дар асоси онҳо алгоритми пайдарҳамии таъмини рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ***пешниҳод шудааст***.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***асосҳои*** назариявӣ, методологӣ ва институтсионалии низоми пардохтии ғайринақдӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ аз нигоҳи нав, яъне рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ ***арзёбӣ ва пешниҳод шудааст;***

- ***таҳия ва асоснок шудаанд:*** 1) усулҳо ва роҳҳои рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар; 2) самтҳо ва роҳҳои асосии мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ бо назардошти вазъи муосири иқтисодӣ-иҷтимоӣ; 3) механизми истифодаи густурдаи технологияҳои муосир дар доираи татбиқи иқтисодиёти рақамӣ; беҳтарсозии сифати хизматрасониҳои пардохтӣ ва дастрасии фарогир ба он;

- ***исбот шудааст,*** ки низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз нишондиҳандаи асосии фаъолияти низоми пардохтӣ ва низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, гузариши пурра ба низоми пардохтии ғайринақдӣ на танҳо ба истеъмолкунандагон аз ҷиҳати бехатарӣ ва осонии кор ва ҳам ба давлат аз ҷиҳати самаранокии маъмурикунонии андоз, пешгирии иқтисодиёти ғайрирасмӣ, татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар ин замина афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат менамояд, балки ба танзими самараноки ҳаҷми пул дар муомилот, тезонидани суръати гардиши пул ва баланд бардоштани самараи иқтисодии он, кам намудани омилҳои таваррумӣ, шаффофияти ҳисоботҳо ва хурдашавии пул низ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** усулҳои таҳлили муқоисавӣ, оморӣ, иқтисодӣ, абстраксияи илмӣ, методҳои экспертӣ, таҳлили омилӣ ва усули экстраполятсия, ки дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ муҳим мебошад, самаранок истифода бурда шудаанд.

- ***исбот шудааст,*** ки биниш, ҳадаф ва афзалиятҳои муайяншуда дар барномаву стратегияҳои давлатӣ, махсусан дар мавриди рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ба таҳлили ҳамаҷониба ва такмил ниёз доранд, чунки дар барномаву стратегияҳои миллии рушд зиёд намудани шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳамчун индикатори мақсаднок дар самти зиёд намудани дастрасӣ ва рушди низоми молиявию пардохтӣ муайян гардидааст, вале аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳаи бонкӣ, яъне Бонки миллии Тоҷикистон ҳадафмандона дар доираи сиёсати гузариш аз шумора ба сифат шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва сохторҳои он сол аз сол кам шуда истодааст;

- ***ошкор ва асоснок шудаанд:*** 1) самараи иҷтимоию иқтисодии истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ барои аҳолӣ (осони ҳисоббарорбаркунӣ; хавфи кам; мубодилаи автоматӣ; фоиз, пардохти хизматрасониҳо аз хона, рушди тиҷорати электронӣ ва ғ.; 2) барои марказҳои савдо ва хизматрасонӣ: рушди гардиши савдо ва ҷалби харидорон; осонии ҳисобу китоб; камшавии хароҷот аз инкассатсияи маблағҳои савдо ва камшавии хатари дуздӣ; татбиқи имтиёзҳои андозӣ ва кам гардидани назорати андозӣ; 3) барои ташкилотҳои қарзӣ: васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳо, ҷалби муштариён, афзоиши рақобатпазирӣ, даромади иловагӣ, самаранокии гардиши воситаҳои молиявӣ; 4) барои иқтисодиёт: шаффофии ҷараёнҳои молиявию иқтисодӣ, коҳиши иқтисодиёти ниҳонӣ ва коррупсия, афзоиши воридоти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, татбиқи иқтисодиёти рақамӣ, самаранокии муомилоти пулӣ, коҳиши сатҳи таваррум, афзоиши гардиши савдои электронӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **назарияи** такмили низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ ба натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ мувофиқ буда, ҳамчун ҷузъи таркибии назарияи рушди иқтисодӣ дар заминаи истифодаи технологияи муосир пешниҳод шудааст, ки дар амалияи хоҷагидории бозории кишварҳои пешрафта аллакай исботи худро ёфтааст;

- **ғоя** ба хулосаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада, аз ҷумла, вобастагии коҳишёбии иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз татбиқи пурраи низоми

пардохтии ғайринақдӣ ва иқтисодиёти рақамӣ, яке аз роҳҳои имконпазири кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва афзун намудани манбаъҳои андозбандишавандаи иқтисодиёт будани рушди ҳамаҷонибаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва дар ин замина ташкили низоми муосири баҳисобгириву ҳисобдорӣ ба ҳисоб меравад, асос ёфтааст;

- **истифодаи** механизми механизми ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудкунии фарогир, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, ба мақсад мувофиқ буда, метавонад зимни ташаккул ва такмили маҷмуи чораҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи истифодабарии низоми пардохтии ғайринақдӣ истифода шавад.

- муайян карда шуд, ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сатҳи онро 89,63% нишон додааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** онҳоро ҳамчун асос мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти такмил додани механизми амалигардонии пурраи пардохтҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар ҳамчун омили мусоидаткунанда ба рушди иқтисодиёт, татбиқи иқтисодиёти рақамӣ, ғанигардонии буҷети давлатӣ ва кам намудани иқтисодиёти ғайрирасмӣ, дар такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа, муосиргардонии самтҳои стратегии соҳа, таҳияи стратегияи нави соҳа истифода бурда метавонанд.

- ***чаҳор марҳалаи*** татбиқи самтҳои асосии рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ***муайян шудааст:*** 1) муайянсозии ҳадафҳои стратегӣ бо назардошти омилҳои молиявӣ, инфрасохторӣ, институтсионалӣ, кадрӣ, илмию технологӣ ва иттилоотию инноватсионӣ; 2) муайян намудани методологияи баҳисобгирии истифодаи воқеии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва ошкорсозии хавфу хатарҳои дохилию берунӣ дар макро, микро ва мезосатҳ, ки ба рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ таъсир мерасонанд; 3) муайян ва таҳия намудани методологияи назорати доимии нишондиҳандаҳои низоми пардохтӣ ва 4) тадбирандешиҳоиислоҳотӣ бо назардошти амалигардонии стратегияву барномаҳо ва танзими давлатӣ.

- мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфта таҳқиқотҳои гузаронидашуда, дақиқии маълумотҳо, коркарди омории натиҷаи таҳқиқот, миқдори кофии маводҳои таҳлиливу таҳқиқотӣ ва интишорот тасдиқ гардида, хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ ***асос ёфтааст***.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳои амалӣ дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ истифода мегардад. Ғайр аз ин муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмии

Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои миллии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ солҳои 2016-2023 маърӯза шудаанд.

- тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои накшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Ғайр аз ин, як қатор масъалаҳое, ки тавассути нишондиҳандаҳои алоҳидаи низоми бонкӣ имконпазир мебошанд, таҳлил гардида, натиҷаи онҳо ба воситаи усулҳои оморӣ, экспертӣ ва аналитикӣ таҳқиқ ва пешниҳод гардидаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 13 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, **нашр гардидаанд**;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2021-2023 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф **маърӯза гардиданд**.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Вализода Шавкат Шаробудин дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринакдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ» кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ буда, дар такмили низоми пардохтии ғайринакдӣ ва ба ин васила дар рушди иқтисодиёти рақамӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба қисми 2, зерқисмҳои 8; 8.8; 8.3 ва 8.4 Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 22.12.2023 қарори сазовор донистани Вализода Шавкат Шаробудин ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ҳузур доштанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ – 14 нафар, муқобил - нест, бетараф -нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** — **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** — **Убайдуллоев Ф.К.**

**22 декабри соли 2023**